# “Tajik state university of commerce”
## Course: *Foreign economic activity of enterprises in the Republic of Tajikistan*

**Week 5:**

State regulation of foreign economic activity


**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of: State regulation of foreign economic activity***

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

## НОМИ ФАН: ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИ БЕРУНАИ КОРХОНАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




**Ҳафтаи 5.**

**ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ИЌТИСОДИИ ХОРИЉА**

*Рустамзода Фитрат Музафар*

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

**1.Муқаддима**

- Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ
- Бақайдгирии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ
- Танзими асъор ва назорати асъори оид ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

**2.Хулоса**

- Ҷамъбасти мавзуъ.

## Мақсади лексия:

омӯзиши асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, бақайдгирии ишитрокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва танзими асъор ва назорати асъори оид ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ.

# Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Аз давраи назарияи класикии иктисоди сиёсии А.Смит ва Д. Рикардо сар карда, то кунун ақидаи “савдои озод” бартарии худро аз даст надодааст.

Далелҳо ба фоидаи ақидаи савдои озод дар тамоми давраҳо ба таҳлили иқтисодие асос меёбанд,ки фоидаи интиқоли озоди молу сармояро байни кишварҳо ҳамеша вазифаи асоси буд ва боқи мемонад.

# Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Вале таҷрибаи ҷаҳони нишон медихад, давлатҳо бо мақсади нигоҳ доштани устувории амалиёти савдои хориҷи,таъмини самаранокии таносуби содироту воридоти ашёи хом ва молу маҳсулот, роҳ надодан ба номутаносибии онҳо ва умуман бо мақсади ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар на ҳамеша ақидаи савдои озодро риоя мекунанд.

# Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Дар аксарияти кишварҳо монеаҳои сершумор меъери танзими савдои хориҷӣ ва сиесати давлати мебошанд.

Чунин сиёсат ба воситаи низоми танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ татбиқ мегардад.

Дар танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷи усулҳои маъмури ва иқтисоди фарқ карда мешавад:

# Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Усулҳои иктисодӣ – аз ҷониби мақомоти ҳокимяти давлатӣ қабул гардидани асноди қонуни ва меъёри, ба монанди қонунҳо, кодексҳои гумрукӣ, қарору фармоишҳои ҳукмат ва қарорҳои дигари мақомоти ҳокимяти давлати мебошанд, ки ҷараёни татбиқи фаолияти иқтисодии хориҷиро ба тартиб андохта, шариконии тиҷоратиро вазифадор месозад, ки қоидаю маҳдудиятҳои муайян ва монеаҳои дигарро ҷиддан риоя намоянд.

# Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Усулҳои иқтисоди - чораҳое мебошанд, ки мақомоти ҳокимияти давлати ба қадри имконниятҳои иқтисодии худ андешиди, онҳо ба фароҳам овардани шароит барои инкишофи муомилоти савдои хориҷӣ, мутавозинии пардохтҳо ва ҳавасмандгардонии амалиети содироту воридот равона гардидаанд.

# Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Бо ин усулҳо давлат метавонад аз буҷчети кишвар барои маблағгузории бевоситаи содироту воридот маблағ ҷудо кунад, миқдори андозҳоро аз содиркунандагон кам кунад, қарздиҳи ва суғуртаи содиротро таъмин намояд.

## Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Агар усулҳои маъмурии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷи дорои хусусияти маҳдудкунанда бошанд, пас усулҳои иқтисоди хусусияти ҳавасмандкуни доранд.

# Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Дар ҷумҳурии мо то ба даст овардани истиқлолият низоми зерини танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муқарар гардида буд, ки тибқи қарори Шурои Вазирони ИҶШС аз 7 марти соли 1988 №203 “Дар бораи чораҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ” дар амал ҷори карда шуда аз инҳо иборат буд:

# Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

- бақайдгирии иштирокчиёни робитаҳои иқтисодии хориҷӣ;
- декларатсиякунонии мол ва амволи дигари аз сарҳади ИҶШС интиқол додашаванда; тартиби содироту воридоти баъзе молҳои таъминоти умумидавлати, аз ҷумла литсензиякунони; танзими фаври робитаҳои иқтисодии хориҷӣ.

# Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади суръат бахшидани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ, воридоти техникаю технология ва бо молҳои истеъмоли пур кардани бозори дохили 17 июли соли 1992 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №ФП-130 қабул шуд.

# Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Ин фармон ҳуқуқи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷиро васеъ карда, тартиби танзими робитаҳои иқтисодии хориҷиро дар Ҷумҳури муайян намуд.

# Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Ин фармон хуқуқи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷиро васеъ карда, тартиби танзими робитаҳои иқтисодии хориҷиро дар ҷумҳури муайян намуд.

# Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Шаклҳои танзими фаъолияи иқтисоди хориҷӣ, дар моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияи иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ки 27.12.93 бо қарори шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №870 дар амал ҷори гардида аст, аниқ карда шудаанд.

# Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

## Шаклҳои мазкур инҳоро дар бар мегиранд:

- Ба қайдгирии субъектхо фаъолияи иқтисоди хориҷӣ;
- Муқарар намудани низоми андозу имтиёзҳои тафриқанок, аз ҷумла асъорӣ;

# Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

- Расонидани кумаки моли дар шакли субсидия субвенсия, қарзи буҷети, кредити бонки марбут ба татбиқу инкишофи фаъолияти иқтисоди хориҷии минтақаҳо соҳаю корхонаҳо ва шаҳрвандони алоҳиди

- Таҳия, маблағгузорӣ ва гузаронидани експертизаи барномаҳо оид ба инкишофи шаклҳои мухталифи робитаҳои иқтисодии хориҷии ҷумҳурӣ;

# Асосҳои сиёсати иқтисодии беруна ва усулҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

- Декларатсиякунони молҳо ва амволи дигари воридшаванда ва содиршаванда.

Ба низоми ҷараёнҳои иқтисодии ҷаҳонӣ дохил шудани иқтисоди миллӣ ин пеш аз ҳама ба тараққиёти мамлакат таъсири мусбат расонида, ба баланд гардидани дараҷаи техникии истеҳсолот, сарфакорона истифода бурдани сарватҳои табиӣ, барҳам додани камомади баъзе молҳо, баланд шудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ мусоидат мекунад.

# Бақайдгирии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Бақайдгирии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо мақсади танзими фаъолияти субъектҳои хоҷагидори дар мавриди анҷоми амалиёти савдои хориҷӣ гузаронида мешавад.

# Бақайдгирии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Тартиби бақайдгириро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, ҳоло дар Вазорати рушди иқтисод ва савдо ба қайд гирифта мешаванд.

# Бақайдгирии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (моддаи 17) ба Вазороти рушди иктисод ва робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи боз доштан ва қатъ намудани фаъолияти иштирокчиёни хориҷӣ дода шудааст.

# Бақайдгирии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Фаъолияти онҳо агар ба манфиати ҷумҳури зарар расонад ё муфлиси ки бо асосҳои дигаре феҳрасти онҳоро Вазорати иқтисод ва робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукарар менамояд, фаолият қатъ карда мешавад, қатъи фаолияти иштирокчиён мустақилона ё бо қарори суд сурат мегирад.

# Бақайдгирии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Муайян намудани квота ва лицензиякунони - чунин тартиби танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба намудҳои мушаххаси моли дар давоми вақти муайян содир ё воридшаванда маҳдудияти махсуси микдори муқаррар менамояд.

# Бақайдгирии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Квотаҳои содироти - бо мақсади ҳифзи моли истеҳсолкунандагону истеъмолггарони ватани аз камбудии муваққатии ин навъи мол, нигоҳ доштани нархи онҳо дар бозори ҷаҳонӣ ҷори карда мешаванд.

# Бақайдгирии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Квотаи воридоти - маълуман бо мақсади ҳифзи саноати миллӣ аз рақобати молрасонандагони хориҷӣ, инчунин барои маҳдуд сохтани хароҷоти асъорӣ озод бадалшаванда барои хариди молҳои хориҷӣ ҷорӣ карда мешаванд.

# Бақайдгирии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Лисензиякунони низоми иҷозатномаҳои хаттии намунаи муқараршуда мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ барои содироту воридоти мол (кору хадамот) дода мешаваднд.

# Бақайдгирии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Литсензиякунони дар гуфтушунидҳои бисерҷониба дар доираи АГТС (Ассамблеяи Генералии тарифҳо ва савдо) эътирофгардида, ки соли 1973 дар Токио оғоз ёфта, соли 1979 дар Женева, ба итмом расиданд, ба амал бароварда мешавад.

# Танзими асъор ва назорати асъори оид ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Танзими асъор ин маҷмӯи чорабиниҳо ва тадбирҳоест, ки давлат бо мақсади устувор нигоҳ доштани қурби миллӣ, таъмин намудани мувозинати пардохтҳо ва рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ амалӣ менамояд.

# Танзими асъор ва назорати асъори оид ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Танзими асъор ин шакли танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ тартиби танзими асъор ва назорати асъор, инчунин механизми мушаххаси барои расонидани молҳои содиротию воридоти ба ҳисобномаҳои ташкилоту корхонаҳои ҷумҳури гузаронидани маблағҳои асъори хориҷиро муқарар менамояд.

# Танзими асъор ва назорати асъори оид ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Танзими асъорро одатан Бонки марказӣ (ё Бонки миллии Тоҷикистон) ба воситаи механизмҳои зерин амалӣ мекунад:

# Танзими асъор ва назорати асъори оид ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

- Меъёри расмии асъор (қурби асъор);
- Маҳдудиятҳо ба амалиётҳои асъорӣ;
- Литсензия додан ба бонкҳо ва ташкилотҳои мубодилаи асъорӣ;
- Назорат бар интиқоли маблағҳо ба хориҷа ва аз хориҷа.

# Танзими асъор ва назорати асъори оид ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Ин шакли танзими давлати принсипҳои анҷоми амалиёти асъорӣ, ҳифзи асъори миллӣ ва механизми истифодаи асъорӣ хориҷи, тартиби интиқол, ворид сохтану ба хориҷӣ кишвар баровардан ва ирсоли асъори хориҷӣ ва қоғазҳои арзишнокро муайян менамояд.

# Танзими асъор ва назорати асъори оид ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

Қонун дар бораи ин танзим 04.11.1995 қабул шуд. Мутобиқи ин қонун мақоми давлатии танзимкунандаи асъор Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.(моддаи 9).

# Танзими асъор ва назорати асъори оид ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ

## Вазифаҳои Бонки миллӣ дар соҳаи танзими асъор:

- соҳа ва тартиби муомилоти асъори хориҷӣ ва коғазҳои арзишноки асъори хориҷиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

- асноди меъёрие қабул мекунад, ки иҷрои онҳо аз ҷониби резидентон ва ғайрирезидентҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад.

## Танзими асъор ва назорати асъори оид ба фаъолияти иктисодии хориҷӣ

- мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “дар бораи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” намудҳои амалиёти асъориро анҷом медиҳад ва ғайра.

# ТАНЗИМИ АСЪОР ВА НАЗОРАТИ АСЪОРИ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶӢ

Назорати асъорро мақомот ва агентҳо ба амал мебароранд.

Мақомоти назорати асъор Бонки милли, Вазорати молия ва Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, агентҳо бошаднд, бонкҳои ва колатдоре мебошанд, ки дар фаъолияти худ ба бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот медиҳанд.

# ТАНЗИМИ АСЪОР ВА НАЗОРАТИ АСЪОРИ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶӢ

Соли 1996 ”Низомномаи тартиби татбики назорати асъор бо воридоти даромади асъори аз содироти мол бадастомада ба Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия гардид, ки аз ҷониби Бонки Миллӣ ва Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

# ТАНЗИМИ АСЪОР ВА НАЗОРАТИ АСЪОРИ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶӢ

Дар низомномаи мазкур тартиби амали мақомоту агентҳои назорати асъор, содиркунандагони ашёи хом, молу маҳсулот инчунин масъулияти ҳамаи иштирокчиёни амалиёти савдои хориҷӣ муайян шудааст.

# ТАНЗИМИ АСЪОР ВА НАЗОРАТИ АСЪОРИ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ИКТИСОДИИ ХОРИЧӢ

Мутобиқи низомнома ҳамаи содиркунандагон, сарфи назар аз шакли моликияташон вазифадоранд, ки ба ҳисобномаи асъори бонки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо хизматрасонанда гузаронидани маблағи асъори аз фурӯши мол дар хориҷӣ ҷумҳурӣ ба даст овардаашонро таъмин намоянд.

# ТАНЗИМИ АСЪОР ВА НАЗОРАТИ АСЪОРИ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶӢ

Мутобиқи низомномаи мазкур маҷмуи асноди меъёрие тавсия гардида, амал мекунанд, ки дар асоси онҳо назорати асъор ба амал баровварда мешавад.

## *Ҷамъбасти мавзуъ*

**Хулоса:** Танзим ва назорати асъор яке аз василаҳои муҳими давлат барои нигоҳ доштани суботи иқтисодӣ ва дастгирии рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад.

# *Ҷамъбасти мавзуъ*

**Хулоса:** Он дар шароити ҷаҳонишавии ва вобастагӣ ба бозори асъори хориҷӣ аҳамияти бузург дорад.

# АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Алексеев, И. Внешнеэкономическая деятельность / И. Алексеев. – М.: Дашков и К, 2011. – 304 с. 2. Алехнович, А. Внешнеэкономическая предпринимательская деятельность / А. Алехнович. – Мн.: Дикта, 2009. – 128 с.

2. Внешнеэкономическая деятельность предприятия: Учебник для вузов/ Л.Е. Стровский, С.К. Казанцев, Е.А. Паршина и др.; Под ред. проф. Л.Е. Сгровского. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ, 1999. – 823 с.

3. Саидмуродов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана. – Душанбе, Ирфон, 2005. – 260с.

4. Воронич А.В. Экономика и управление внешнеэкономической деятельностью: учебно-методическое пособие / А. В. Воронич ; М-во образования РБ, Гом. гос. ун-т им. Ф. Скорины. – Гомель: ГГУ им. Ф. Скорины, 2015. – 162 .

5. Крылова Т.Б. «Выбор партнера: анализ отчетности капитплистического предприятия», - М. Финансы и статистика – 2003г.

# ТАШАККУР